**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи "Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Рисолаи зерин, ки аз тарафи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович омода шудааст, дар мавзуи "Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)" буда, аввалин таҳқиқот дар омӯзиши калимасозии сарфию наҳвии забонҳои матраҳшаванда ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқ дар доираи се боб, нуҳ фаслу зерфаслҳо ба ҳалли мавзуи матраҳшаванда пардохтааст.

Аҳамияти таҳқиқоти интихобшуда ин таҳқиқи усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ, махсусиятҳои истифодабарӣ ва тағийр ёфтани онҳоро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад, ки бори аввал ба таври мукаммал мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Мубрамияти мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки забоншиносони муосир бо омӯзиши роҳҳои калимасозӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карданд. Дисертатсия як нигоҳи нав вобаста ба омӯзиши калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ буда, омӯхтани он барои боз ҳам беҳтару мувофиқтар шинохтан ва баррасӣ намудани вижагиҳои ҳамсон ва фарқкунандаи ин ду забон мусоидат мекунад.

Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ умуман забонҳои аз лиҳози луғавӣ ва ҳамчунин сарфиву наҳвӣ ғановатмандад, дорои имконоти фарохи маъноиву сохторӣ мебошанд ва қисми ками дигар забонҳо бо ин забонҳо рақобат карда метавонанд. Забонҳои рушдкарда бо вижагиҳои хоси худ калимаҳоро аз дигар забонҳо ба худ қабул намуда, онҳоро ба қонунияти сарфиву наҳвии худ мутобиқ месозад, ки сарвати арзишманди забонҳои гуногунро дар худ мутамарказ месозад.

Навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, бори аввал усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, дар мабнои маводи асарҳои бадеӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф дар кори худ усулҳои калимасозии сарфӣ бо ёрии вандҳои калимасоз, калимасозии наҳвӣ ва калимаҳои мураккаб, мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти зерин роҷеъ ба таҳлилу таҳқиқи мушаххаси масъалаҳои сарф, наҳв ва луғат дар илми забоншиносии муосир аз лиҳози калимасозӣ мебошад, ки дар оянда барои рушди воситаҳои вожасозӣ, омӯхтан ва омӯзонидани забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, хизмат менамояд.

Муҳтавои мавзуи диссертатсия дар 4 мақолаи илмӣ, ки дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба чоп расидаанд, дарҷ гардидааст.

Инчунин, роҷеъ ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсия муаллиф дар конференсия ва семинарҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии ҷумхуриявӣ ва байналмилалӣ бо маърӯзаҳо баромад намудааст.

Диссертатсияи мазкур кори баанҷомрасида буда, ба дараҷаи лозимӣ омода шудааст, вале бо вуҷуди дастовардҳо аз баъзе нуқсонҳо орӣ нест:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия мавқеи баъзе бандҳо иваз шудаанд.
2. Ғалатҳои имлоию китобатӣ ва техникӣ ба назар мерасанд ( с. 6, 16, 26, 36 ва ғ.).

Боиси зикр аст, ки норасоиҳои мазкур арзиши илмии диссертатсияро коста намегардонад ва рисола ба дараҷаи зарурӣ таҳия гаштааст.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, намуда, кори илмии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Диссертатсия тибқи талаботи Комиссияи олии аттетатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст. Аз ҷумла, сарсаҳифа, номгӯи ихтисораҳо, мундариҷа, муқаддима ва бандҳои алоҳидаи он, бобҳо ва зербобҳо, хулоса ва тавсияҳои амалии муаллиф, номгӯи адабиёти истифодашуда пурра ба риояи талаботи муқараршуда таҳия шудаанд. Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович “Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-036 назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод карда шавад.

Муқарриз:
н.и.ф. дотсенти кафедраи
филологияи англиси
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода — Шарифова А. Ш.

Имзои Шарифова А. Ш.-ро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳои
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода — Наҷмиддинов Ш. М.

ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА
ШӮЪБАИ КАДРҲО

Суроғаи муқарриз:
734019, ш. Душанбе,
кучаи Муҳаммадиев 17/6
Телефон: (+992 918305717)